**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмии диссертатсионии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович «Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – ботаника

Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович соли 2012 факултети Биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи ак. Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси биология, хатм кардааст.

Унвонҷӯй Мирсабуров Ш.М. соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – ботаника дохил шуда, онро соли 2015 бо муваффақият хатм кардааст.

Фаъолияти корҳои илмӣ-таҳқиқотии Мирсабуров Ш.М. дар асоси омӯзиш ва муайян намудани хусусиятҳои экологӣ, таснифотӣ, флоравӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон равона гардидааст.

Барои ба мақсад ноил гардидан, Мирсабуров Ш.М. дар назди худ вазифаҳои муайян намудани таркиби таснифотии обсабзҳои сабз, гуногунӣ, монандӣ ва тафовутҳо дар флораи обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшонро гузошта, ба натиҷаҳои асосноки илмӣ ноил гардидааст. Инчунин, тартиб додани рӯйхати мукаммали обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ яке аз вазифиҳои асосии рисола ба шумор меравад.

Мирсабуров Ш.М. иштирокчии фаъоли экспедитсияҳое мебошад, ки аксари онҳоро бевосита ӯ ташкил карда, намунаҳои гуногуни обсабзҳоро аз дарёҳо ва обанборҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ҷамъовари намудааст. Ӯ тайи солҳои 2013-2020 тавонист 650 намунаҳои алгологиро гирд оварда, коллексияи обсабзҳои дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳо нигоҳ дошта шударо, ғанӣ гардонад.

Аз ҷониби Мирсабуров Ш.М. бори аввал рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон тартиб дода шуда, таснифоти онҳо муайян гардид, ки 195 намуд ва зернамудро дар бар мегиранд. Аз ин шумора 31 намуд ва зернамудашон бори аввал дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва 18 намуд ва зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави флоравӣ барои Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд. Инчунин маълумотҳо доир ба таркиби намудӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ба таври пурра пешниҳод карда шуда, таҳлили ботафсили алгофлораи обсабзҳои сабзи минтақаҳои таҳқиқотиро

гузаронида, таркиби таснифотӣ, флоравӣ ва паҳншавии экологии онҳо муайян кардааст.

Илова бар ин, Мирсабуров Ш.М. аввалин маротиба таҳлили муқоисавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолиро гузаронида, 53 намуди обсабзҳои индикаторро муайян кардааст, ки барои гузаронидани мониторинги ҳолати санитарии обҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аҳамияти илмӣ дорад.

Дар айни замон, Мирсабуров Ш.М. зиёда аз 20 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин 8 кор доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ таалуқ дошта, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқоти Мирсабуров Ш.М. ин муайян намудани гуногунии биологии обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, таснифи онҳо ва омӯзиши гуногунии таркиби обсабзҳои сабзи минтақаи таҳқиқотӣ мебошад. Инчунин, истифодаи маълумотҳои ба даст омада дар муайян намудани обсабзҳои сабзи Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад.

Натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотии ба даст овардаи Мирсабуров Ш.М. аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, дар соҳаҳои ботаника, геоботаника, экология, алгология, флора ва таснифот истифода бурдан мумкин аст ва ба кори диссертатсионии барои ҳимоя пешниҳодгардида, баҳои мусбат дода шавад.

Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад ва худи муаллиф сазовори додани унвони илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – ботаника мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

Раиси Маркази илмии Хатлони
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои биологӣ,
(03.02.01 – Ботаника), Бобоев Мариё Тиллоевич

735360, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Гулбоғ-1,
Тел.:+ (992) 918 89 84 10;
E-mail: b_mario@mail.ru

Имзои Бобоев М.Т.-ро тасдиқ менамоям:
Мутахассиси шуъбаи кадрҳо Д.А.Ғафуров

ШУЪБАИ КАДРҲО